**Маълумот**
**оид ба қарзи давлатӣ ва сармоягузориҳои давлатӣ**
**ба ҳолати 1 январи соли 2026**

Ҳаҷми умумии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2026 маблағи 3,5 млрд доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки ин ба 19,7 фоизи ММД баробар мебошад *(барои муқоиса: ба ҳолати 1 январи соли 2025 – 25,2% буд).*

Аз ҷумла:

- 3,0 млрд доллар (87 %) - қарзи беруна;
- 0,5 млрд доллар (13 %) - қарзи дохилӣ.

Нишондиҳандаи мазкур аз рӯи сохтор

**ҚАРЗИ БЕРУНАИ ДАВЛАТӢ**

Ҳаҷми умумии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2026-ум 3,0 млрд долларро ташкил медиҳад, ки ин ба 17,1 фоизи ММД баробар мебошад.

Нишондиҳандаи мазкур аз рӯи сохтор ба таври зерин ташаккул ёфтааст:

- қарзи бевоситаи давлатӣ 2 875,3 млн доллар;
- қарзҳо бо кафолати давлатӣ 132,5 млн доллар.

Дар соли 2025 ҳаҷми умумии қарзи беруна, бо дарназардошти баргардонидани қарзҳо дар доираи як қатор лоиҳаҳо, аз ҷумла қарзи асосии евробондҳо маҷмӯан ба маблағи 179,8 млн доллар кам гардид.

Мушаххасан, тағйирёбӣ аз амалиётҳои зерин иборат мебошад, аз ҷумла:

- афзоиши азхудкунии маблағҳои қарзӣ: 190,7 млн доллар
- афзоиш аз ҳисоби фарқияти қурби асъор: 45,8 млн доллар
- коҳишёбӣ аз ҳисоби пардохти қарзи асосӣ: 416,3 млн доллар

Азхудкунии маблағҳо аз манбаъҳои зерин анҷом дода шудааст, аз ҷумла:

| | |
|---|---|
| - Бонки Умумиҷаҳонӣ | 20,2 млн доллар |
| - Бонки Исломии Рушд | 39,6 млн доллар |
| - Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд | 40,2 млн доллар |
| - Фонди СДСН (ОПЕК) | 17,5 млн доллар |
| - Фонди Авруосиёии Муътадилгардонӣ ва Рушд | 7,9 млн доллар |
| - Фонди Байналмалилалии Рушди Кишоварзӣ | 3,8 млн доллар |
| - Бонки Осиёии Сармоягузории Инфрасохтор | 20,0 млн доллар |
| - Фонди Саудии Рушд | 14,8 млн доллар |
| - Кафолатҳои БАТР | 26,7 млн доллар |
| Ҳамагӣ: | 190,7 млн доллар |

Дар соли 2025 барои хизматрасонии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 504,6 млн доллар пардохт шудааст, ки аз он пардохти қарзи асосӣ 416,3 млн доллар ва фоизи қарз 88,3 млн долларро ташкил медиҳад.

Хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ аз манбаъҳои зерин анҷом дода шуд:

- аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ (танҳо барои пардохти қарзи берунаи бевоситаи давлатӣ) 469,2 млн доллар, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосӣ 388,6 млн доллар ва фоизи қарз 80,6 млн доллар;
- аз ҳисоби муассисаю ташкилотҳои давлатӣ барои хизматрасонии қарзҳои таҳти кафолати давлатӣ ҷалбшуда 35,4 млн доллар.

Инчунин, ба сохтори қарзи беруна қарзҳои таҳти кафолати давлатӣ ҷалбшуда ворид гаридаанд, ки ба ҳолати 1 январи соли 2026 маблағи умумии 132,5 млн долларро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали қарзи беруна замима шудааст (замимаи 1).*

## <u>ҚАРЗИ ДОХИЛИИ ДАВЛАТӢ</u>

Қарзи дохилии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2026 маблағи умумии 4,6 млрд сомониро ташкил медиҳад, ки ин ба 2,6 фоизи ММД баробар мебошад.

Дар соли 2025 бо мақсади хизматрасонии қарзи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуан 499,1 млн сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ 178,7 млн сомонӣ, аз ҳисоби фурӯши молу мулки ба моликияти давлат қабулгардидаи ҶСК «Агроинвестбонк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» 320,4 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар баробари ин, тибқи тақвими барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ барои соли 2025 ба маблағи 895,0 млн сомонӣ барориши векселҳои хазинадорӣ ва вомбаргҳои давлатии миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ба нақша гирифта шуда буд.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми умумии хизматрасонии қарзи дохилии давлатӣ бо назардошти қарзи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, векселҳои давлатӣ, векселҳои хазинадорӣ ва вомбаргҳои давлатӣ дар маҷмуъ ба маблағи 809,1 млн сомонӣ (пардохти қарзи асосӣ 743,1 млн сомонӣ ва фоиз 66,0 млн сомонӣ) таъмин гардид, аз ҷумла:

- аз ҳисоби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ, барои пардохти қарзе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Бонки миллии Тоҷикистон ҷалб намудааст маҷмуан ба маблағи 176,9 млн сомонӣ, аз ин пардохти қарзи асосӣ 166,0 млн сомонӣ ва пардохти фоизҳо 10,9 млн сомонӣ;

- иҷрои ухдадориҳои векселҳои давлатӣ барои танзими 37 қарзҳои мушкилситони ҶСК «Агроинвестбонк» дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №178, пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 5,7 млн сомонӣ;

- иҷрои ухдадории ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2016, №527 маҷмуан ба маблағи 32,1 млн сомонӣ, аз ин пардохти қарзи асосӣ 23,7 млн сомонӣ ва пардохти фоизҳо 8,4 млн сомонӣ;

- иҷрои ухдадории ҶСК «Агроинвестбонк» дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2016, №527 маҷмуан ба маблағи 88,6 млн сомонӣ, аз ин пардохти қарзи асосӣ 80,2 млн сомонӣ ва пардохти фоизҳо 8,4 млн сомонӣ;

Инчунин, дар соли 2025 аз ҷониби вазорат тавассути 14 музояда барориши якчанд намуди вомбаргҳои давлатӣ ва векселҳои хазинадорӣ тибқи тақвими барориши коғазҳои қиматноки давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии 995,0 млн сомонӣ барориш амалӣ гардида, аз он маблағи 984,4 млн сомонӣ дар муомилот ҷойгир карда шуданд.

- иҷрои ухдадориҳои вазорат дар назди харидорони коғазҳои қиматноки давлатӣ аз рӯи арзиши номиналӣ ва даромаднокии дисконтӣ ва купонии (қарзи асосӣ ва фоизҳо) векселҳои хазинадорӣ ва вомбаргҳои давлатии кутоҳмуҳлат ва миёнамуҳлат дар маҷмуъ ба маблағи 505,8 млн сомонӣ, аз ин пардохти қарзи асосӣ ба маблағи 467,6 млн сомонӣ ва фоизҳо ба маблағи 38,2 млн сомонӣ (фоизҳои дисконтӣ ба маблағи 12,4 млн сомонӣ ва фоизҳои купонӣ ба маблағи 25,8 млн сомонӣ).

Ухдадориҳои 37 ташкилоту корхонаҳои беэътимодмонда, ки муҳлати умумии даъвояшон гузаштааст ва қарздории онҳо дар назди Буҷети давлатӣ то инҷониб боқӣ мондааст, ҳамчун дороиҳои молиявии давлатӣ ҳисобида шудаанд, маблағи боқимондаи қарзи асосӣ 71,8 млн сомониро ташкил медиҳанд.

Қарзи ташкилотҳои барҳамхурда, ки дар асоси қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳисоббаробаркунӣ ба зиммаи Вазорати молия вогузор карда шудааст, аз он ҷумла:

- Дебиторҳо 74,1 млн сомонӣ;

- Кредиторҳо 55,9 млн сомонӣ.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 тавассути КВД БА ҶТ «Амонатбонк» аз ҳисоби қарзҳои ба муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ, хизматчиёни давлатӣ, омӯзгорони ҷавон, ки тибқи қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои қаблӣ ва ҳамасола аз буҷети давлатӣ ҷудо мегарданд, дар маҷмуъ маблағи 2,2 млн сомонӣ баргардонида шуд, ки аз он:

- муҳоҷирони дохилӣ ва экологӣ аз ҳисоби қарзи асосӣ дар ҳаҷми 307,4 ҳазор сомонӣ;

- омӯзгорони ҷавон аз ҳисоби фоиз 1,9 млн сомонӣ;

- хизматчиёни давлатӣ 3,7 ҳазор сомонӣ.

Дар натиҷа, бақияи қарзҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ба ҳолати 31 декабри соли 2025 маблағи 44,5 млн сомониро ташкил медиҳанд.

Тибқи фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2023 №36-ф ба КВД комплекси табъу нашри “Шарқи Озод”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои харидории се адад таҷҳизоти чопӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба андозаи 8,8 млн сомонӣ ба муҳлати 5 сол қарзи бе фоиз ҷудо гардид, ки дар соли 2025 ба маблағи 2,4 млн сомонӣ пардохт карда шуд.

Тибқи фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2020, №120-ф молу мулки ҶСП «Файзбахш», воқеъ дар шаҳри Ҳисор, ба моликияти давлат қабул ва ба тавозуни Агентии захираҳои моддии давлатӣ гузаронида шудааст. Аз ҷониби Агентӣ дар соли 2025 ҷиҳати иҷрои ухдадориҳо дар назди Вазорати молия маҷмуан 2,2 млн сомонӣ маблағ пардохт гардидааст.

*Ҷадвали қарзи дохилӣ замима шудааст (замимаи 2).*

## ЛОИҲАҲОИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ

Ба ҳолати 1 январи соли 2026 дар ҷумҳурӣ 84 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи умумии 5,8 млрд доллари амрикоӣ, аз ҷумла 3,6 млрд доллар маблағи грантӣ, 2,1 млрд доллар маблағи қарзӣ ва 94,6 млн доллар саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ мавриди татбиқ қарор гирифтаанд.

Аз лоиҳаҳои амалкунанда 6,348 млрд сомонӣ ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, 1,277 млрд сомонӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва 574,6 млн сомонӣ ба дигар соҳаҳо равона гардиданд.

Аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ (бо қурби асъори буҷетӣ, яъне 1 доллари амрикоӣ баробар ба 11,9293 сомонӣ) 8,200 млрд сомонӣ маблағҳо азхуд карда шудааст, ки ин ба 97,0 фоизи нақшаи тасдиқшудаи буҷети лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соли 2025 баробар мебошад.

2025-ум 2,091 млрд сомонӣ маблағҳои қарзию грантӣ аз худ гардидааст.

Инчунин, бо мақсади ҷалби маблағҳои иловагӣ барои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, ҳамкориҳо бо шариконӣ рушд ва дигар созмонҳои байналмилалии молиявӣ тақвият дода шуда, 31 созишномаи қарзию грантӣ барои татбиқ гардидани 25 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 619,0 млн доллари амрикоӣ ба имзо расонида шуд.

Аз маблағи болозикр 294,8 млн доллари амрикоӣ маблағҳои грантӣ ва 322,7 млн доллари амрикоӣ маблағҳои қарзӣ ва 1,5 млн доллари амрикоӣ ҳамчун саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар баробари ин, ҷиҳати амалисозии боз 7 лоиҳа, ки арзиши умумии онҳо 260,3 млн доллари амрикоиро ташкил медиҳад, гуфтушунидҳо бо созмонҳои маблағгузор идома дошта, дар мӯҳлатҳои кутоҳтарин созишномаҳои молиявӣ ба имзо расонида мешаванд.

Ҳамкориҳо дар ин самт бо дигар созмонҳои молиявии маблағгузор низ амалӣ шуда истодаанд.

*Ҷадвалҳои лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ замима шудаанд (замимаҳои 3 ва 4).*

Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон